# 07.00.03 – таърихи умумӣ (давраи муайян)

*(Бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2017 № 4/1 )*

**Ихтисос**

**Таърихи умумӣ (давраи муайян)**

## I.Соҳаи илме, ки аз рӯи он дараҷаи илмӣ дода мешавад

Илмҳои таърих

**II. Тасвияти ихтисос**

Таърихи умумӣ – соҳаи илмест, ки масъалаҳои раванди ҷаҳонӣ-таърихӣ ва таърихи кишварҳои хориҷӣ, пайдоиш ва инкишофи унсурҳои иҷтимоӣ ва институтҳо, миллатҳо, халқиятҳо ва дигар гуруҳҳои аҳолиро дар асоси тамоюлҳо ва назарҳои нави услубшиносӣ, ёдгориҳои санадӣ ва моддии қадима ва имрӯза меомӯзад.

Аҳамияти иҷтимоӣ-фарҳангии ҳалли масоили ихтисос дар офариниши тасвири илмии раванди ҷаҳонӣ-таърихӣ ва таърихи кишварҳои хориҷӣ дар сатҳи форматсионӣ, тамаддунӣ ва кишваршиносӣ, мукамалгардонии омӯзиш ва тадриси таърих дар макотиби миёна ва олӣ,инчунин дар васеъ намудани робитаҳои илмӣ ва фарҳангӣ бо дигар кишварҳо зоҳир мегардад.

**III. Соҳаҳои тадқиқот**

Умумиятҳо ва махсусиятҳо дар таҳаввулоти тамадунҳои ҷаҳонӣ, инкишофи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии халқҳо ва кишварҳо дар робитаи мутақобила бо фаъолияти бисёр ҷабҳаи одамон дар ҳамаи минтақаҳо ва марҳилаҳои инкишоф.

Инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ (хоҷагии қишлоқ, саноат, роҳҳои муомилот ва нақлиёт, савдо, воситаҳои алоқа) ва иҷтимоӣ-сиёсии давлатҳои хориҷӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳалӣ аз замонҳои қадим то имрӯз.

Ташаккул, инкишоф, муносибатҳои мутақобила, ҳаёти ҳаррӯза, фарҳанги халқҳо ва миллатҳо дар ҳудуди Аврупо, Америка, Осиё, Австралия ва Океания.

Ташаккул, инкишоф, муносибатҳои мутақобила, низоъҳои тафаккурӣ, ҳаёти ҳаррӯзаи гуруҳҳои иҷтимоӣ, ки аз рӯи хусусиятҳои синфӣ, ҷинсӣ, синусолӣ, нажодӣ, этникӣ, миллӣ-фарҳангӣ ва мансубияти динӣ табақабандӣ шудаанд, вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дар кишварҳои Аврупо, Америка, Осиё ва Африка, дар Австралия ва Океания.

Пайдоиш, таҳаввулот, дастурҳои барномавӣ ва фаъолияти амалии институтҳои сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои ихтисоси, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ (миллӣ, динӣ, ҷавонон, занҳо, сулҳхоҳона ва ғайра) дар кишварҳои Аврупо, Америка, Осиё ва Африка, дар Австралия ва Океания.

Мақом ва нақши дин ва ташкилотҳои динӣ дар таърихи кишварҳои алоҳида ва минтақаҳо, сиёсати давлатӣ оид ба дин ва институтҳои динӣ,

ва баръакс, таъсири дин ва институтҳои динӣ, инчунин таълимотҳои материалистӣ ба сиёсати институтҳои давлатӣ ва рафтори шаҳрвандон, муносибатҳои байни мазҳабӣ дар таърихи ҷаҳонӣ ва дар кишварҳои алоҳидаи Аврупо, Америка, Осиё ва Африка, дар Австралия ва Океания.
Робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҷамъиятӣ, фарҳангӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва маҳалӣ, миёни кишварҳои алоҳида, инчунин ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятии мамлакатҳои Аврупо, Америка, Осиё ва Африка, Австралия ва Океания.
Инкишофи маданияти моддӣ ва маънавӣ, маориф ва илм, сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм дар минтақаҳои алоҳида ва кишварҳои Аврупо, Америка, Осиё ва Африка, дар Австралия ва Океания.
Ҷангҳо ва низоъҳои ҳарбӣ дар кишварҳои хориҷӣ, дар натиҷаи низоъҳои ҳарбӣ тағийр ёфтани вазъияти иқтисодӣ ва сиёсӣ дар кишварҳои ширкаткунанда ва дар миқёси байналхалқӣ.

**IV. Ихтисосҳои алоқаманд**

07.00.02– таърихи ватанӣ

07.00.0307.00.06 – бостоншиносӣ

- 07.00.07 – мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология
- 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ
- 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷӣ
- 24.00.01 – назария ва таърихи фарҳанг

**V. Тафовутҳо бо ихтисосҳои алоқаманд**

Дар фарқият аз ихтисоси 07.00.02, ки қонуниятҳо ва махсусиятҳои таърихи халқи тоҷикро дар ҳамбастагӣ бо тарихи аврупоӣ ва умумиҷаҳонӣ таҳқиқ менамояд, ихтисоси 07.00.03 таърихи аврупоӣ ва умумиҷаҳониро ҳам дар сатҳи кишварҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи минтақаҳо дар ин ё он марҳилаи таърихӣ меомӯзад.
Дар фарқият аз ихтисоси 07.00.06, ки асоси таҳқиқоти онро манбаъҳои санадии то таърихии инсоният ташкил медиҳанд, таҳқиқот дар ихтисоси 07.00.03 инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, давлатӣ-сиёсӣ,ҷамъиятӣ ва фарҳангии халқҳо, мамлакатҳо ва минтақаҳоро ҳам дар асоси ёдгориҳои маданияти моддӣ , ҳам дар асоси манбаъҳои хаттӣ меомӯзад.
Дар фарқият аз ихтисоси 07.00.07, ки асосан ба омӯзиши раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи халқҳо, халқиятҳо, гуруҳҳои иҷтимоӣ-халқӣ, маданият ва тарзи зиндагии онҳо дар иртибот бо фольклори маросимӣ, мусиқии халқӣ машғул аст, таҳқиқот дар ихтисоси 07.00.03 сиёсати институтҳои мухталиф ва дар амал татбиқ намудани онро дар иртибот бо гурӯҳҳои иҷтимоӣ-халқӣ, синфӣ ва мазҳабӣ, раванди ташккул ва инкишофёбии онҳо, масоили ҳаёти рӯзмарра, муноқишаҳои дохилӣ ва миёни ин гурӯҳҳо, инчунин масоили вобаста ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии миллӣ, синфӣ ва диниро дар ҳудуди мамлакатҳои алоҳида ва минтақаҳо дар асоси усулҳои анъанавӣ-таърихӣ ва манбаъҳо меомӯзад.

Дар фарқият аз ихтисоси 07.00.09, ки дар чаҳорчубаи он раванди ҷамъоварии донишҳои таърихӣ таҳқиқ, инчунин коркарди назария ва услуби истифодабарии манбаъҳои таърихӣ амалӣ мегардад, таҳқиқот аз рӯи ихтисоси 07.00.03 истифодабарии бевоситаи манбаъҳои маданияти моддӣ ва маънавиро ҳамчун намуди асосии ахборот роҷеъ ба марҳилаи муайяни таърихӣ, истифодабарии услуб ва усулҳои махсуси таҳқиқоти таърихӣ, гузаронидани таҳлили ҷанбаҳои таърихнигории таърихи кишварҳои хориҷӣ ва минтақаҳоро бо мақсади ба даст овардани вазифаҳои гузошташуда  пешбинӣ менамояд.
Дар фарқиятаз ихтисоси 07.00.15, ки дар чаҳорчубаи он таърихи муносибатҳои байни ҳамдигарӣ ва алоқаҳои миёни давлатҳо, халқҳо ва дигар субъктҳои муносибатҳои байналхалқӣ таҳқиқ мегарданд, таҳқиқот аз рӯи ихтисоси 07.00.03 равандҳои инкишофи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии мамлакатҳои алоҳидаи хориҷӣ, минтақаҳо ва тамадунҳоро меомӯзад, инчунин таъсири муносибатҳои байни давлатӣ, алоқаҳои байналхалқииро ба инкишофи сиёсӣ ва иқтисодии мамлакатҳо ва минтақаҳо дар марҳилаи муайяни таърихӣ маълум менамоянд.
Дар фарқият аз ихтисоси 24.00.01, ки таҳқиқоташ ба омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, халқӣ-мазҳабӣ, таърихи маданияти халқҳо, давлатҳо, минтақаҳо, инчунин ташаккул ва таҳавулоти консепсияҳои фалсафӣ-антропологӣ ва фарҳангӣ равона шудаанд,таҳқиқот аз рӯи ихтисоси 07.00.03 инкишофи маданияти модӣ ва маънавӣ, илм, техника ва маорифро дар мамлакатҳои гуногун ва минтақаҳои ҷаҳон, инчунин мавқеи таърихӣ ва нақши дин ва ташкилотҳои диниро дар таърихи мамлакатҳои алоҳида ва минтақаҳо, дин ва институтҳои динӣ, таълимотҳои материалистӣ, муносибатҳои халқӣ-мазҳабиро дар таърихи умумиҷаҳонӣ меомӯзад.